Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи "Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

Вобаста ба раванди татбиқи Барномаи давлатӣ доир ба омода намудани кадрҳои соҳибмаълумот ва ташаккули низоми муосири муносибатҳо дар ҷомеа нисбат ба сатҳи тайёрии кадрҳо имрӯз талаботи сифатан нав ба миён гузошта мешавад.

Вазифаи асосии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ иборат аз он аст, ки сифат ва самаранокии таҳсилот таъмин карда шавад, то ки инкишоф ва ташаккули салоҳиятмандии хонандагон ва донишҷӯён аз фанҳои мухталифи таълимӣ амалӣ гардонида шавад.

Дар Консепсияи миллии маълумоти кишвар зарурати омӯзишу фаҳмиши забони хориҷӣ барои инкишофи ҷомеа чунин таъкид шудааст: «Зарурати омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогресси илмию техникӣ ва воситаи муошırати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифт».

Аз таҳлили маводи дар автореферати диссертатсия истифодашуда маълум мегардад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои рушди сайёра стратегияи гуфтугӯи тамаддунҳоро бо майлони торафт бештар тафсилдиҳии қисматҳои ба ҳам таъсиргузори фарҳанг ва ҳамгироии онҳо дар фазои бутуни фарҳангӣ афзалиятнок мешуморад.

Тавре ки маълум аст, донистани забони хориҷӣ (ЗХ) ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ бе азхудкунии мувозии фарҳанги дахлдор номумкин аст. Аз ин сабаб раванди таълимро тавре бояд ташкил дод, ки ЗХ ҳамчун хориқаи (феномени) фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, навъи махсуси салоҳият - салоҳияти байнифарҳангӣ тавҷеҳ карда

шавад ва дар натиҷаи ниҳоӣ муоширати комили байнифарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ таъмин гардад.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ қайд кадааст, ки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ қисми ҷудоинопазири раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ мебошад. Дар илми педагогикаи ҷаҳонӣ захираи назарраси донишҳо барои ба миён гузоштан ва пажӯҳиш кардани проблемаи мазкур андӯхта шудааст. Масъалаҳои салоҳиятмандии байнифарҳангӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии ин ё он миллат, зарурати инкишофдиҳии ҳусни таваҷҷуҳ ва парвариши таҳаммулпазирӣ дар муносибат бо дигар халкҳо дар осори муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ мисли: Л. Г. Веденина, А. А. Вербитский, Н. Д. Галскова, О. Ю. Искандарова, И. И. Лейф, Л. М. Митина, П. В. Сисоев, И. И. Халеева, С. Г. Тер-Минасова, В. В. Сафонова, Т. Г. Стефаненко, Э. Холл, Г. Фишер, Р. Д. Люис ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар автореферати диссертатсия максад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, объект ва предмети тадкиқот, гипотеза, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот муайян карда шуда, он ифодаи идеяи консептуалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии мукаррароти илмиро дар бар мегирад, хулоса ва тавсияҳои методӣ, тавсифи марҳилаҳои таҳқиқот ва иштироки шахсии муаллиф, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, маълумоти зарурӣ дар бораи озмоиши таълимӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадкиқот ҷой дода шудаанд.

Фарҳанги педагогӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ ба омили асосӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳаммиятнок мубаддал гардида, унсури муҳимми омодасозии касбии мутахассиси оянда забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Ҷузъи муҳимми таркибии ин раванд салоҳияти байнифарҳангӣ мебошад, ки он аз маҷмӯи сифатҳои ҳамгирои шахсияти омӯзгор ҳамчун фарогирандаи донишу арзишҳои муносибати байнифарҳангӣ ва принсипҳои ахлоқии рафтори касбӣ иборат мебошад.

Муаллифи рисолаи илмӣ кӯшиш намудааст, паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо равшан намуда, тавсия менамояд, ки барои баланд бардоштани сатҳи забономӯзии муҳассилин метавон баръало аз технологияҳои инноватсионии педагогӣ истифода намуд.

Дар автореферати диссертатсия оид ба принсип ва интихоби мазмуни таълим оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ маводи ҷолибе пешниҳод шудааст.

Дар рисолаи илмӣ мавқеи технологияҳои педагогӣ ва бозиҳои нақшофарӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ нишон дода шудааст. Чӣ тавре ки унвонҷӯ қайд менамояд, дар натиҷаи иҷро намудани супоришҳои таълимӣ тариқи технологияҳои педагогӣ ва бозиҳои нақшофарӣ ҳам фаъолияти эҷодӣ ва ҳам қобилияти зеҳнии донишҷӯён инкишоф меёбад.

Дар баробари ин унвонҷӯ возеҳ иброз нанамудааст, ки дар истифодаи технологияҳои инноватсионии педагогӣ донишҷӯён дар кадом донишгоҳҳо ба натиҷаҳои хуб соҳиб гардидаанд.

Рисола аввалин кӯшиши омӯзиши асосҳои илмию педагогии рушд ва ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар асоси татбиқи равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ мебошад ва ин навигарии бахсноталаби илмии онро таъмин мекунад.

Автореферат ба диссертатсия пурра муврфиқат мекунад: он дар шакли мухтасар ва дар айни замон бо тафсилоти кофӣ мазмун ва сохтори асосии рисоларо инъикос карда, мубрамии таҳқиқотро асоснок намуда, навгонии мавзуи таҳқиқшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, хулосаҳои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, вобаста ба мубрамӣ, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии

байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:** н.и.п. дотсент, мудири
кафедраи забонҳои романӣ-германӣ,
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода НазирқуловТағаймурод Абдурасулович

Имзои “Т.А. Назирқулов”-ро тасдиқ
менамоям. Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Б.Ғ.
23.01.2023 с.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
734019, кучаи Муҳамадалиев 17/6
Тел: (+992) 550550654
E-mail: ambition.ok@mail.ru